# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон дар мавзуи «Мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик)**

Адабиёти тоҷик дар солҳои охири даврони Шуравӣ ва солҳои аввали замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун вазъияти бавуқуъомадаи давраи сиёсӣ ва иҷтимоӣ тағйироти куллиеро паси сар карда, чунин дигаргуниҳои бузурги сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар адабиёти шеъри ин давра низ инъикос ёфтаанд.

Дар ин марҳилаи тамоюлҳои наву гузариш ва андешаҳои тоза Низом Қосим ҳам мисли шоирони пешгоми ин замон, ба монанди Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Ғоиб Сафарзода, Ҳабибулло Файзулло, Гулрухсор, Гулназар, Рустам Ваҳҳобзода, Зиё Абдулло, Камол Насрулло аз шоироне буд, ки дар сохтор ва мазмуни шеъри тоҷик тағйиру таҳаввулоти назаррас ворид кардааст.

Дар робита ба ашъори чанде аз суханварони дар боло зикршуда ва дигар намояндагони адабиёти имрӯзаи тоҷик ба қалам омадани диссертатсияҳои номзадию докторӣ вусъати ин ҷараёни муҳимми адабиётшиносӣ ва накди адабиро бозгӯӣ мекунад.

Низом Қосим яке шоирони сермаҳсул ва аз фаъолони ҷамъиятию сиёсӣ дар замони бозсозӣ ва Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, бо сабку услуби ба худ хос дар адабиёти муосири тоҷик мавқею мақоми баландро соҳиб гаштааст.

Ба омӯзишу таҳқиқи осори шоирону нависандагони тоҷик, ба мисли Низом Қосим, ки дар замони муҳимми тақдирсози миллати тоҷик, Истиқлоли кишвар, мушкилоти давраи гузариш, ҷанги шаҳрвандӣ, барқарорсозии умури давлатию сиёсӣ ва иҷтимоӣ кору эҷод карда, осори онҳо пурра ба ин давраҳои пурпечутоб ва таърихию тақдирсози миллат бахшида шудааст, сариваҡтӣ буда, аз аҳаммият холӣ нест.

Диссертатсияи Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон, ки дар мавзуи «Мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим» рӯйи кор омадааст, ба таҳқиқу баррасии шеъри тоҷик дар охири даврони Шуравӣ ва замони Истиқлоли кишвар дар мисоли ашъори Низом Қосим бахшида шуда, аз ҷиҳати бадеият, сиёсат, иҷтимоиёт қобили таваҷҷуҳ буда, воқеан, муҳим ва дархӯри замон аст. Аз андешаҳои фавқ ва муҳтавои диссертатсия маълум мешавад, ки мавзуи мазкур **ба шиносномаи ихтисоси** илмии 6D020501 – Адабиёти тоҷик **мувофиқат менамояд.**

Муаллифи диссертатсия мавзую мундариҷа, муҳтаво, хусусияти иҷтимоию сиёсӣ ва навгиниҳои эҷодии ашъори яке аз шоирони пешқадам ва ватандӯст – Низом Қосимро ба риштаи таҳқиқ кашида, тараннуми сулҳу ваҳдат, ашъори ватандӯстона, муқаддасоти давлатӣ, тасвири образи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва симои ашхоси маъруфро дар ашъори ӯ баррасӣ менамояд, ки дар баланд бардоштани ҳувияти миллии шаҳрвандон

дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон таъсиргузор буда, аз **аҳаммияти мавзуи таҳқиқӣ** гувоҳӣ медиҳад.

Муаллиф дар заминаи баррасии сарчашмаҳои таҳқиқӣ хусусияти мавзуӣ, бадеӣ, ташаккули афкори иҷтимоӣ ва сиёсии ашъори Низом Қосимро мавриди пажуҳиши ҷудогона қарор додааст. Гузоришу маърузаҳои илмии муҳаққиқ дар маҳфилу конференсияҳо, ҳамчунин, диссертатсияи манзуршуда ва мақолаҳои нашршудаи ӯ **саҳми шахсии муаллифро** собит месозад.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир меёбад, ки он дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқи вижа ва ҷудогона оид ба бозтоби бадеии масоили сиёсию иҷтимоӣ дар эҷодиёти яке аз шоирони пешқадаму навгаро – Низом Қосим буда, пайдоиш ва ташаккули мазмуну мундариҷа ва сабку услуби нави шеър мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар диссертатсия Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон марбут ба мавзуи кори таҳқиқӣ аз дастовардҳои илмӣ ва таҷрибаи адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода намуда, ба сифати асосҳои назарии таҳқиқ корҳои илмии як зумра муҳаққиқонро мавриди корбаст қарор дода, оид ба пайдоиш ва ташаккули мазмуну мундариҷаю сабку услуби шеъри иҷтимоӣ низ ибрози назар карда, **натиҷаҳои таҳқиқи ӯ эътимодноканд.** Илова бар ин, далелу назарсанҷӣ ва хулосабарориҳои қобили таваҷҷуҳ ба назар расида, ҳаҷми маводи таҳқиқу интишорот дар мавзуи диссертатсия, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ ва асосҳои назарию методологии кор барои дарёфти дараҷаи илмии дархостшаванда аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) **мувофиқат менамоянд**.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф, ки ташаккули шеъри тоҷикро дар давраи тағйироти куллӣ дар ҷомеа бо марҳала ва зермарҳалаҳо ҷудо намуда, махсусияти мавзую мундариҷа, сохти шеър, пайдоиши мавзую шаклҳои нави онро мавриди омӯзиш қарор додааст, зимни таҳқиқи мавзуъ ва масъалаҳои ҳамгуни таърихи адабиёти тоҷик, назарияи адабиёт, матншиносӣ ва коргоҳи эҷодии шоирони дигар қобили истифода аст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар баррасии ҷанбаҳои мусбат ва хулосаҳои он зоҳир гашта, ҳамчунин, ҷамъбаст ва натиҷаҳое, ки зимни таҳқиқи масъалаҳои марбут ба ашъори Низом Қосим ба даст омадаанд, ба эҷодкорони ҷавон, адабиётшиносону мунаққидон, унвонҷӯён ва магистрантону донишҷӯёни макотиби олӣ ёрӣ расонида метавонанд.

Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон оид ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмӣ ва маводи конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба табъ расонидааст, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст. **Маводи интишоргардида,** ки дар бахши «Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия» оварда шудааст, масъалаҳои асосӣ, хулосаи пажуҳиш дар фаслу бобҳо ва муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз ин нуқтаи назар, **саҳми шахсии**

**довталабро** дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ ва раванди накду таҳқиқи чунин мавзуи муҳим махсус зикр намудан мумкин аст.

Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, 3 боб, 9 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия таркиб ёфтааст. Дар фаслу бобҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, далелу бурҳоноварӣ ва мубоҳисаю хулосаҳои ҷолиб ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия ҳамаи унсурҳое, ки тибқи муқарраротИ Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферат дар ин бахш овардани онҳо зарур аст, ба назар мерасанд ва бо низоми муайян баён ёфтаанд. Довталаби дараҷаи илмӣ дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, **нуктаҳои асосиеро ба ҳимоя пешниҳод намудааст**, ки воқеан, дар илми адабиётшиносии тоҷик, хусусан, таъйиду таъини хусусиятҳои ғоявию бадеӣ, сиёсиву иҷтимоӣ ва накди матни асарҳои ҷудогонаи адабиёти муосири тоҷик аҳаммияти хоссаи илмӣ доранд.

**Боби аввали** диссертатсия “**Ҷойгоҳи шоир дар адабиёти даврони Истиқлол**” унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Муаллифи диссертатсия дар фасли аввали ин боб, ки “**Мухтасари рӯзгор ва шарҳи осори Низом Қосим**” унвон дорад, оид ба махсусиятҳои шеъри айёми бозсозӣ ва даврони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар асоси эҷодиёти Низом Қосим бо тахуллуси Пури Ҷаҳонгир ибрози назар кардааст.

Таҳқиқи муаллиф дар ин фасл аз замони таваллуд, таҳсилоти мактаби миёна, замони донишҷӯӣ, фаъолияти кории ӯ дар рӯзномаву маҷаллаҳо ба ҳайси хабарнигор то мудири шуъба, аз аввалин шеърҳои шогирдонаи ӯ, фотиҳаи нек гирифтан аз устодони каломи шеъри тоҷик иборат буда, баъдан хатми донишгоҳ, дар рӯзномаҳои бонуфузи он замон ифои вазифа намудан, директори телевизиони “Баҳористон”, вакили Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, интихоб дар узви Кумитаи илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон ва то раиси Иттифоқи нависандагон Тоҷикистон интихоб шудани Низом Қосим баррасӣ шудаанд.

Диссертант аз фаъолияти серҷабҳаи Низом Қосим – узви ИН СССР, узви ИН Тоҷикистон, дар як вакт узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, шурои марказии Ҳаракати ҷамъиятии Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, Раёсати ИН Тоҷикистон фаъолият доштани шоирро зикр намуда, дар баробари ин, фаъолияти зиёди ҷамъиятию давлатӣ, нуфузи ӯро ҳамчун шоири семаҳсул хулоса намудааст.

Дар идомаи таҳқиқи анҷомёфта самтҳои эҷодиёти Низом Қосим ҳамчун адиб, дар эҷоди асарҳои насрию назмӣ, шоире, ки дар ҳамаи жанрҳои адабӣ табъозмоӣ намудааст, ҳамчунин, маҳорати ӯ дар тарҷумаи асарҳои адибони дунё ва тарҷумонии асарҳои бадеию насрию назмӣ ва драмаҳо ба таври алоҳида баррасӣ шудаанд. Муҳаққиқ бар асоси риояти меъёри таърихият тамоми марҳалаҳои эҷодии шоирро вобаста ба интишори осори ӯ муқаррар намуда, бо зикри соли нашри онҳо дафтари ашъор ва дигар

таълифоташро муаррифӣ намудааст. Аз таҳқиқи анҷомдодаи диссертант маълум мешавад, ки ҳарчанд аввалин намунаҳои ашъори шоир ҳангоми таҳсил дар мактаби миёна ва донишҷӯиаш навишта шуда бошад ҳам, аммо нахустин маҷмуаи шеърҳои шоир соли 1984 зери унвони "Хӯшаи шеър" ба нашр расидааст. Баъдан маҷмуаи "Хуни ситора" соли 1988, "Паровар" соли 1990 , "Қаламҳой" соли 1998 ва дигарҳо пайи ҳам рӯйи чоп омадаанд. Аз таҳқиқи анҷомдодаи диссертант маълум мешавад, ки то ба имрӯз дар умум беш аз 21 маҷмуаи ашъор ва дигар мақолаву очеркҳои шоир ба табъ расидаанд.

Ба ин тариқ, диссертант дар навиштани манзума, асарҳои саҳнавӣ, либреттою баллада ва анвои дигари назмӣ табъозмоӣ намудани Низом Қосимро ишора намудааст. Аз назари муаллифи диссертатсия ширкати шоир дар ҷашнвораҳои байналмилалии шеър дар Алмаато, Ереван ва барандаи Ҷоизаи Ҷашнвораи байналмилалии шеъри форсӣ дар Исфаҳон, Машҳад, Теҳрон, соҳиби мукофоти озмуни "Шеъри Душанбе – 90" гардидани он низ дур намондааст.

Диссертант бо назардошти се давраи таърихии зикргардидаи такомули шеъри навини тоҷик фаъолияти эҷодии Низом Қосимро ба се марҳила ҷудо карда, мавзуъ, муҳтаво ва соли интишори ашъори шоирро ба таври хронологӣ ва ба марҳилаҳо мувофиқ баррасӣ намудааст, ки қобили таваҷҷуҳанд.

Дар фасли дуюми боби якум – **"Назари муҳаққиқон ва ҳамкасбон ба мақоми эҷодии шоир"** масоили асосии матраҳ ва таҳқиқшаванда ба нақду баррасиҳо дар адабиётшиносони тоҷик дар бораи ҳусну қубҳи ашъори Низом Қосим, мазмуну мундариҷа, навовариҳо дар шеъри шоир, баҳои адабиётшиносону донишмандон ба шеъри ӯ, аҳаммияти сиёсӣ ва иҷтимоии ашъори ватандӯстонаи шоир иртибот мегирад.

Дар ин фасл муҳаққиқ баҳси муфассале намуда, бештар андешаю мубоҳисаи суханшиносонро оид ба иртиботи шеър бо дониш, андешаю назар ва баҳои шоирони баркамол, аз ҷумла, Бозор Собир ба марҳалаи аввали фаъолияти эҷодии шеърҳои шогирдона ва таҳрирнодидаи Низом Қосим, вале шоири ҷавони ояндадор баҳо додани ӯ, баҳои баланди шоирони ҳамзамон ва ҳамкасбону шоирони хориҷӣ ба шеъри шоир, андешаю баҳси худи шоир роҷеъ ба мукофоту ҷоизаҳо ва дар охири фасл хулосаи муҳаққиқ ба муайян намудани мақоми шоир, ҳунари шоирӣ ва мавқеи шаҳрвандии шоири ватансаро, истеъдоди фитрию маҳорати баланд доштани ӯ дар эҷоди мавзуъҳои дархури замон баррасӣ ва ҷамъбаст шудааст.

**Боби дуюм "Мазмун ва мундариҷаи ғоявии ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим"** унвон дошта, аз чаҳор фасл таркиб ёфтааст. Андеша ва баррасиҳои диссертант дар фасли аввали он – "**Корбурди мавзуъҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва таърихи дар шеър**", назари донишмандон оид ба алоқамандии шеъру шоирӣ бо илмҳои дигар, аз ҷумла, таърих, иҷтимоиёт ва сиёсатшиносӣ, инъикоси масъалаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маорифпарварӣ дар сад соли охир, аҳаммияти бештари инъикоси масъалаҳои иҷтимоӣ дар шеър, манфиати шеърҳои сиёсӣ ё сиёсатмадоре, ки манфиатҳои

ҷомеаро баён мекунад, зуҳур намудааст. Дар давоми баҳси худ диссертант фарди иҷтимоӣ будани нависандаро дар афкори донишмандони бурунмарзӣ, абадӣ будани шеър ва тағйирёбанда будани сиёсатро дар андешаи дигар суханшиносон оварда, баъдан дар эҷодиёти шоири мавриди назари худ мавқеи мустаҳкам пайдо кардани шеъри иҷтимоиро таъкид карда, ӯро шоири нововару баёнгари воқеаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ дар замони Истиқлол донистааст.

Дар фасли мазкур, ки як қисми муҳимми диссертатсияро ташкил медиҳад, диссертант дар мисоли таҳлили шеъри "Коркарди замон"-и шоир ба дигаргун шудани замон ва фаҳмиши мардум ишора намуда, шеъри "мушахассу ҳадафманд", таърихнигор ва ҷомеашиноси хуб будани шоир, кам шудан ё аз байн рафтани ашъори сиёсӣ ва байналмилалӣ, мавқеи муҳимро ишғол намудани ин мавзуъ дар ашъори Мирзо Турсунзода ва аз нав эҳё гардидани ин мавзуъ дар ашъори Низом Қосим бо ишораи "Ғазали Фаластин", "Офтоби Карбало", "Индира Гандӣ", "Че Геваро" ба таҳқиқ гирифтааст.

Фасли дувуми боби дуюм **"Баррасии мушкилоти ҷомеа ва назари интиқодӣ ба онҳо"** ном дошта, диссертант бо пажуҳиши давраи авввали фаъолияти эҷодии Низом Қосим, замони мушкили сиёсиву иҷтимоӣ ва дар баробари ин, эълони бозсозию ошкорбаёнӣ, бесуботиву ноамнии ҷомеа, ҷанги шаҳрвандию мушкилоти мардум, фаъол будани шоири ҷавон дар ин давраи мудҳишу бесарусомониҳо, дар адабиёт ва таъриху сиёсат пурра инъикос нагардидани ҷиҳатҳои торику норавшани он замон, мазмунҳои дунёбезориву ифшои ҳолатҳои равонӣ, мазаммати кирдорҳои ношоям, накӯҳиши қурбони нафс гаштани истеъдоди баъзе шоироне, ки шеърҳои ситоишии қалбакӣ доранд, мавзуи гурезаҳову муҳоҷирони иҷборӣ, таҷассуми вазъи нохуби ҷомеа, вале бо баъзе шеърҳо руҳияи одамонро баланд кардану роҳи ҳалли ин мушкилотҳоро нишон додани шоирро бо шеърҳои даъваткунанда инъикос намуда, Низом Қосимро аз зумраи шоироне медонад, ки ҳамчун шаҳрванди фаъоли ҷомеа дар инъикоси бадеии воқеоти муҳимми рӯзгораш ширкат варзидааст.

**Фасли сеюми боби дуюм "Тарғиби ватандӯстӣ ва эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ" номгузорӣ шудааст.** Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон дар ин фасл масоили асосии матраҳ ва таҳқиқшаванда – нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эҳё ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ, худшиносии миллӣ ва ватандӯстии ҷавонон, дастури таблиғи ғояҳои Истиқлоли давлатӣ, Ваҳдати миллӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба инъикоси зиндагии шоистаи мардумро, ки дар назди эҷодкорон вазифа гузоштааст, тазаккур додааст. Дар ин радиф таблиғу тарғиби ғояи ватандӯстӣ пеш аз Инқилоби Октябр дар шеъри Фитрат дар бораи Бухоро, пайдо шудани мафҳуми "модар-ватан", дар ҷойи аввал гузоштани тараннуми мавзуи Ватану ватандӯстӣ дар солҳои бистум, тараннуми Ватан дар эҷодиёти Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода ва Ҳабиб Юсуфӣ, таваҷҷуҳи шоирони солҳои ҳаштодум ба ин мавзуъ, шеърҳои ба мардуми ақибгоҳ бахшидаи Низом

Қосим ва баъди Истиқлоли давлатӣ ба васфи Ватану тарғиби ватандӯстӣ таваҷҷуҳи бештар намудани Низом Қосим, ба ин ҳадафи худ расидани шоир, сарманшагирии тамоми мавзуҳои публистию иҷтимоӣ, лирикию тасвирӣ аз ин мавзуъ, ситоиши Президент, Истиқлол, Ваҳдат, Парчам, Забони давлатӣ ва дигар муқаддасоти миллӣ дар диссертатсия шарҳ ёфтаанд, ки шоистаи таваҷҷуҳанд. Ҳамчунин, диссертант мавқеи мавзуи Ватан ва тарғиби ватандӯстиро дар эҷодиёти шоир бо панҷ қисмат – тараннуми Ватан ва ватандӯстӣ, Истиқлоли давлатӣ, Ваҳдати миллӣ, Парчами давлатӣ ва Забони давлатӣ ҷудо карда, ба таври мукаммалу мушаххас баён дошта, ҳаллу фасл намудааст.

**Фасли чоруми боби дуюм “Образи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва симоҳои барҷастаи халқи тоҷик”** унвон дошта, муҳаққиқ дар ин фасл хусусиятҳои тасвири образи ин шахсияти нотакрор ва корнамоиҳои мондагори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин, тасвири шахсони алоҳида, ҳунармандон, ҳампешагону наздикони шоирро, ки дар ашъори ӯ ҷойи намоёне доранд, мавриди баррасӣ қарор додааст. Ин фасли муҳимми диссертатсия ба ду қисмат: тавсифӣ, ки дар он тавсифи хизматҳо ва корнамоиҳои шоистаи шахсони зикршуда ва дигаре иҷтимоӣ, ки бо тасвири шахсиятҳои машҳур мушкилоти иҷтимоӣ таҷассум ёфтааст, таҳлил гардидааст.

Муаллифи диссертатсия тафовути образи Пешвои миллат дар ашъори Низом Қосимро дар қиёс аз офариниши образҳои шоҳони одил дар эҷодиёти шоирони классики тоҷик дар он мебинад, ки образи Пешво асоси воқеӣ ва замонӣ дошта, дар образҳои шоҳони одил ҷанбаҳои ривоятӣ бештар ба назар мерасад. Шабоҳатро дар образофаринӣ, шеърият, рамзу санъатҳои бадеӣ ва монанди инҳо мушоҳида кардан мумкин аст. Аз рӯйи мушоҳидаи диссертант дар маҷмуаи “Рамзи Ватан”-и шоир 21 шеър дар васфи Пешво ҳамчун рамзи ватандӯстӣ ва намоди Тоҷикистони озоду обод ҷойгир карда шудааст.

**Боби сеюми диссертатсия “Навпардозӣ дар заминаи ашъори сиёсию иҷтимоӣ”** унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Фасли аввали ин боб **“Жанр ва сохтори ашъори шоир”** ном дошта, муҳаққиқ сохтор ва мансубияти жанрии шеъри Низом Қосимро, ки бештар жанри лирикӣ – ғазал, рубоӣ, дубайтӣ ва шеъри нав ташкил медиҳанд, ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Дар ин навъи шеърҳо ифодаи масъалаҳои иҷтимоиро бештар тавзеҳ дода, шеърҳои инқилобии шоирро аз таҷрибаи шоирони асри бистум, ба монанди С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ ва Ҳ. Юсуфӣ дониста, лирикаи ишқӣ ва ашъори тасвирию ҳасбиҳолии ӯро идомабахши таҷрибаи Б. Собир ва Л. Шералӣ медонад.

Дар ғазалҳои шоир диссертант устокорона истифода шудани қоидаи риояи якмавзуӣ, масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ишқӣ, калимасозӣ, фалсафаи Мавлоно, маънии Ҳофиз, ширингуфториҳои Лоиқу Бозор, хулосаҳои фалсафӣ, мақолу гуфторҳои халқиро мушоҳида намуда, шеърҳои зиёде дар васфи модар, ки ба хазинаи тиллоии модарномаҳои тоҷикӣ дохил мешавад,

инчунин, ашъори бачагонаи ӯ низ истисно нестанд, таҳлилу баррасӣ намудааст.

Ба ақидаи диссертант як қисмати шеърҳои калон ва баландмазмуни шоирро шеърҳои тасвирӣ ва ҳасбиҳолии ӯ ташкил дода, дар шеърҳои тасвирӣ шоир аз тасвири деҳа, муҳити ба сар бурдааш, диёри нозанин, мардумони бофарҳанг, тасвирҳое, ки реша дар воқеият доранд, тасвири зиндаи ҳаёт, ҳифзи муҳити зист ва тасвири ашё, вайронкории инсон ба боигарии табиат ва масъалаҳои равонию ботинии инсонро ба миён гузоштааст. Доро Наврӯззода шеърҳои ҳасбиҳолиро дар эҷодиёти шоир нисбат ба шеърҳои тасвирӣ камтар мушоҳида карда, дар онҳо то андозае ботини пурдарду алам, эҳсоси баланди шоириро мушоҳида намуда, аз мутолиаи фарох ва тарҷумаи осори шеъри шоирони ҷаҳон ин мавзуъҳоро ба перояи шеъри миллӣ расондани он баҳси муфассал намудааст.

Диссертант назари муҳаққиқони тоҷик ва ҳамкасбони шоирро дар мавқеи **рубоӣ ва дубайтӣ** дар ашъори Низом Қосим изҳор дошта, дар сафи беҳтарин дубайтиҳои имрӯз ва дар онҳо махсусиятҳои ғазал, суханбозиҳову таҷниссозиҳои ҷолиб, маъниҳои устувор, таъсири Хайёму Сино, мавзуъҳои ишқу дӯстӣ, табиат, такдири инсон, мвҷудияти санъатҳои бадеӣ, бозёфтҳои шоирона ва дигар воқеоти зиндагӣ истифода кардани шоирро мавриди назар қарор дода, ҳамзамон дар асоси тафаккури муаллиф шоир ҳамчун яке аз устодони рубоӣ ва дубайтисаро маълум гардидааст, ки дар онҳо таҳлили масъалаҳои фалсафӣ, ишқӣ ва иҷтимоию сиёсӣ мушаххас баён гардидааст. Сурудҳои шоирро баръакси ашъори лирикии ишқии ӯ мутантан, хушҳолкунанда, бо сатрҳои кутоҳу маъниҳои равшан дарёфт намуда, Низом Қосимро шоири иҷтимоъгаро ва қолабшикан номидааст.

Дар фасли дуюми боби сеюм **“Вижагиҳои ҳунарии шеъри сиёсию иҷтимоии Низом Қосим”** андешаҳо дар бораи шинохти шеъри асил, муҳиммияти мулоҳизаҳои онҳо, махсусиятҳои вазифаҳои шоир ва лаззатбахш будани шеър ибрози назар шудааст. Дар баробари ин, диди шеършиносӣ ва афкори адабӣ-танқидии ӯро нишон дода, мавзуъ ва нозукии тарзи баён, таносуби сухан, мантиқ ва меъёрҳои муҳимми шеършиносии ӯро зикр намуда, таъсири масарратбахши шеъри ӯро бо такя ва пайравии шоирони ботаҷриба, қиёси мазмуни шеърҳои Низом Қосимро бо шоирони дигару устодонаш, навоварию навпардозӣ ва чандқабата будани шеъри шоир, калимасозӣ, муҷазбаёнию мухтасаргӯйӣ, қитъаҳои якмисрагӣ ва дарунгаро будани шоир, пассивӣ ва танҳоиҷӯии қаҳрамони лирикӣ, вале собитқадаму мубориз, истифодаи мақолу зарбулмасал, некандешию инсондӯстии шоир, махсусиятҳои дигари шеъри шоирро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар фасли сеюми боби сеюм **“Навпардозиҳо дар эҷоди манзума, баллада, либретто ва драмаҳои манзум”** диссертант Низом Қосимро эҷодкунандаи ашъори иҷтимоӣ ва воқеоти муҳимми таърихӣ номида, осори ӯро, ба мисли манзума, либретто ва драмаҳои манзум дар назми тоҷик муаррифӣ намуда, бештар аз достонҳои лирикӣ ва ҳамосӣ бархурдор будани эҷоди манзумаҳои шоир, ба мухотаб даъват кардани қаҳрамонони халқи тоҷикро ба ҳимояи Ватан баён дошта, баъдан манзумаҳое, ки ба шакли шеъри

сафед ва озод суруда шудаанд, ҳамзамон, назари неки шоирро ба гузаштагон мушоҳида намуда, бо овардани шеърҳо ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Наврӯззода Доро аз сабку услуби дар **манзума** истифодакардаи шоир, ки баъзеашон дар адабиёти тоҷик маъмул набуда, ба мисли **баллада** ва **либретто** сухан гуфта, аз пайдоишу маънои ин манзумаҳои театрӣ, аз навоварии шоир, мавзуи таърихию ривоятии ин жанр, усул ва шакли тасвир дар **баллада** ва ҳамзамон, жанри **либретто, ки** манзумаи театрӣ маҳсуб меёбад ва табъозмоии шоирро дар пайравӣ бо шоирони насли калонсол, муваффақияти шоир дар ин роҳ, нав будани ин жанр дар адабиёти тоҷик, мушоҳидаи саҳнаҳои фоҷиавии он, муқоисаи либреттои Низом Қосим бо либреттоҳои пешин муфассал баҳсу таҳқиқ намудааст.

Дар диссертатсияи тақризшаванда муҳимтарин матолиби назарӣ ва амалии таҳқиқ дар 11 банд ба таврии фишурда **хулоса** ва дар 6 банд **тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ** манзур шуда, ки ба шеваи равишманди ҷустуҷӯҳои илмии довталаби дараҷаи илмӣ яклухтиву тамомият мебахшад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсияи мавриди назар баъзе камбудиҳо низ ба назар расид, ки зикри чанде аз онҳо барои беҳбудии корҳои баъдии диссертант муфид хоҳад буд:

1. Марҳилаҳои зиндагӣ ва эҷодиёти суханвар бо санадҳои қотеъ, ки онҳо бо гуфтору андешаҳои адиб такя кунанд, яъне мусоҳиба бо шоир шарҳу тафсир наёфтааст.

2. Аз баррасиҳои дар диссертатсия суратгирифта маълум мешавад, ки диссертант таваҷҷуҳи хешро асосан ба ашъори Низом Қосим равона кардааст. Дар доираи таҳқиқи вижагиҳои мавзуии ашъори ватандӯстонаи шоир агар таҳқиқи қиёсии масъала бо шоирони дигари ҳамзамони ӯ низ сурат мегирифт, арзиши илмии рисола боз ҳам бештар мегардид. Дар заминаи анҷоми чунин таҳқиқ мавқеъ ва мақоми Низом Қосим дар ташаккули шеъри ватандӯстона дар адабиёти муосири тоҷик боз ҳам ҷилваи бештар ва таҷассуми равшантар касб мекард.

3. Дар ҷараёни баррасии фаъолияти тарҷумонии Низом Қосим ва ҳангоми ном бурдани осори тарҷумавии шоир аз дигар забонҳо намояндаи кадом адабиёт будани адибон зикр нашудааст (диссертатсия, с. 15-16).

4. Дар чанд ҷойи диссертатсия муаллиф калимаи “қувваозмоӣ” ва “қуввасанҷӣ”-ро баён дошта, агар ба ҷойи он мафҳуми табъозмоиро истифода мебурд, беҳтар мешуд (с. 14, 26, 154, 155).

5. Мафҳуми бозсозӣ гоҳе дар нохунак ва гоҳе бе нохунак оварда шудааст (с. 7, 8, 31).

6. Дар рисола ҳарчанд камтар, вале ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд, ки бартараф намудани онҳо арзиши рисоларо боз ҳам боло мебарад.

Ин чанд эроде, ки зикр гардид, арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияи Наврӯззода Доро Сӯҳробҷонро, ки воқеан, кори таҳқиқии анҷомёфта аст, халалдор намесозад ва дар корҳои илмӣ-таҳқиқии баъдӣ ба назар гирифтани онҳо аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифта, коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ доир ба мавзуъ ба меъёрҳои .муқараргардида ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

**Хулоса,** диссертатсияи Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон дар мавзуи «Мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501– Адабиёти тоҷик) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

номзади илмҳои филологӣ, сармутахассиси
шуъбаи таълим ва мониторинги сифати
таҳсилоти Донишкадаи тарбияи ҷисмонии
Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов Миралиева Сарварбӣ Толибовна
«25» январи соли 2025.

Суроға: 734060, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи
Ҷ. Расулов, 55/5, ҳуҷраи 30.
Тел.: (+992) 001013468
E-mail: ssano4258@gmail.com

Имзои Миралиева Сарварбӣ Толибовнаро
тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва ҳуқуқи
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии
Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов Шерализода Заробиддин Шералӣ

Суроға: 734053, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Лучоб, 53.
Телефон: (+992-37) 224-73-77; факс: 224-73-77.
Сомонаи расмӣ: dtjt.tj
«25» январи соли 2025.